*УДК323*
***DOI10.24412/2411-1945-2022-3-154-161***

## *МАСЪАЛАҲОИ ТАҲКИМИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР*

***Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна,***
*унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ПРОБЛЕМЫ УКРЕПЛЕНИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА*

***Хашимова Наргиса Абдуджаббаровна,***
*соискатель кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

## *THE PROBLEMS OF STRENGTHENING OF CIVIL SOCIETY UNDER THE CONDITION OF CONTEMPORARY TAJIKISTAN*

***Khoshimova Nargisa Abdujabborovna,***
*claimant for candidate degree of political science department under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)****E-MAIL***
***khoshimova.nargisa@bk.ru***

***Калидвожаҳо:*** *ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҷрибаи таърихӣ, омили психологӣ, бюрократия, коррупсия, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таъминоти молиявӣ*

*Мамониятҳо дар роҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва омилҳои таҳкимбахши он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Зикр мегардад, ки Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд қарор дошта, ин раванд дар кишвар бо ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқамандии зич дорад. Дар кишвар асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфта, як қатор ниҳодҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла, ташкилоҳои ҷамъиятӣ, касбӣ, эҷодӣ, динӣ, занону ҷавонон ва ҳизбҳои сиёсӣ таъсис ёфта, дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ фаъолона иштирок менамоянд. Новобаста аз ин, дар ин самт норасоиҳо ва камбудиҳое ҷой доранд, ки барои инкишофи мавзуни ҷомеаи шаҳрвандӣ монеа эҷод менамоянд. Аз нуқтаи назари муаллиф роҳи тайкардаи таърихии давлат ва ҷомеа, надоштани таҷрибаи кофӣ дар давлатдорию давлатсозии демократӣ, дараҷаи пасти фаъолнокии ҷомеа, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, мушкилоти таъминоти молиявии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун омилҳои монеашаванда дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон шинохта шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *гражданское общество, исторический опыт, психологический фактор, бюрократия, коррупция, социально-экономическая ситуация, финансовая безопасность*

*Исследуются препятствия на пути становления гражданского общества и факторы его укрепления в Республике Таджикистан. Отмечается, что Таджикистан находится на пути построения демократического, правового государства и демократизация общества в стране тесно связана с формированием и развитием гражданского общества. В стране сформирована нормативно-правовая база гражданского общества, создан ряд неправительственных организаций, включая общественные, профессиональные, творческие, религиозные, женские и молодежные, а также политические партии, которые активно участвуют в политической, социальной и экономической жизни. Однако в этой области есть пробелы и недостатки, которые препятствуют гармоничному развитию*

*гражданского общества. Высказана точка зрения, что исторический путь государства и общества, отсутствие опыта государственной и демократической государственности, низкий уровень общественной активности, социально-экономическая ситуация в стране, финансовая поддержка признаны препятствиями на пути развития гражданского общества в Таджикистане.*

***Key words:*** *civil society, historical experience, psychological factor, bureaucracy, corruption, socio-economic situation, financial security*

*The article is devoted to the study of obstacles to the formation of civil society and the factors of its strengthening in the Republic of Tajikistan. It is noted that Tajikistan is on the path of building a democratic legal state and democratization of society in the country is closely related to the formation and development of civil society. The country has formed a legal and regulatory framework for civil society, the number of non-governmental organizations have been increased, including public, professional, creative, religious, women's and youth's, as well as political parties that actively participate in political, social and economic life. However, in this area there are gaps and shortcomings that impede the harmonious development of civil society. From the author's point of view, the historical path of the state and society, lack of experience of statal and democratic statehood, low level of public activity, socio-economic situation in the country, inadequate financial support of civil society are recognized as obstacles to the development of civil society in Tajikistan.*

Дар замони муосир мавҷудият ва фаъолияти озоди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чун шароит ва аломати муҳимми демократияи инкишофёфта ва босубот ба ҳисоб рафта, ҷомеаи шаҳрвандӣ барои риояи принсипҳои асосии демократия, аз қабили озодӣ ва баробарҳуқуқӣ шароити зарурияро бунёд месозад. Аз ҷумла дар шароити Тоҷикистони муосир раванди мустаҳкамшавии низоми демократӣ бо ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Зеро, баъд аз таҳаввулоти бузурги солҳои 90-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардида, роҳи демократии инкишофро интихоб намуд. Демократисозии ҳаёти ҷамъиятӣ барои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккулёбии низоми сиёсии демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши калидӣ бозид. Маҳз Конститутсия асосҳои ҳуқуқии давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба вуҷуд овард. Дар моддаи 1 – уми Конститутсия Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон гардид. Ҳамчунин дар моддаи 28-уми Конститутсияи кишвар омадааст, ки “Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад”[2, с.8]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” ва дигар санадҳои меъёрӣ ба сифати асосҳои ҳуқуқии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар як зумра ниҳодҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, касбӣ, эҷодӣ, динӣ, занону ҷавонон ва ҳизбҳои сиёсӣ таъсис ёфта, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ фаъолона иштирок менамоянд. Муҳим он аст, ки мақомоти давлатӣ бахши сеюмро ҳамчун шарики худ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шинохтааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ таъкид намудааст: “Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, марказҳои фарҳангии ақаллиятҳои миллӣ, иттиҳодияву иттифоқҳои гуногун ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ – ҳамчун нерӯи асосии Шӯрои ҷамъиятӣ бояд дар амалӣ гардидани ҳадафҳои созандаи Ҳукумат ба сифати шарики боэътимоди давлат иштирок намоянд” [4]. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки масъалаи ташаккул ва

инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил бикашем. Хусусан сатҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар, заминаҳо ва мушкилоти мавҷуда дар самти ташаккул ва таҳлили ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегиранд.

Дар шароити Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ва демократикунонии низоми сиёсӣ барои ташаккули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои муайяне зуҳур намуданд. Зикр намудан зарур аст, ки дар баробари дастовардҳо дар самти ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳоло масъалаҳое мавҷуданд, ки садди роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандии фаъол мегарданд. Омилҳои мавҷуда раванди бомароми инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро халалдор сохта, метавонанд боиси таназзули тадриҷии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гарданд. Солҳои охир муаммоҳо ва монеаҳо дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки муносибати мутақобилаи шахсият, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳои ҷамъиятӣ ва давлатро фаро мегиранд, диққати олимон ва сиёсатмадоронро ҷалб намудааст. Дар замони муосир омилҳои мухталифи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ метавонанд дар роҳи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ дошта бошанд.

Роҳи тайкардаи таърихии давлат ва ҷомеа, надоштани таҷрибаи кофӣ дар давлатдорию давлатсозии демократӣ яке аз масъалаҳоест, ки ба ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон монеа эҷод менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ягон марҳилаи таърихи сиёсии пешгузаштагони мо мардум ҳамчун манбаи ҳокимият баромад накардааст. Масалан, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар  Аврупо ба тариқи рушди муносибатҳои иҷтимоӣ, пухта расидани заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он ба вуҷуд омадааст. Ҳанӯз дар давраҳои атиқа низоми полисии сохтори давлатӣ ва идоракунӣ ба шахсиятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил такя намуда, барои ҳар як шаҳрванд имконияти иштирок намуданро дар ҳалли масъалаҳои идораи давлатӣ фароҳам меовард. Бо баробари мустаҳкамшавии ахлоқи протестантӣ дар Ғарб давраи ҳукмронии озодии инсон ва маҳдуднамоии ҳокимияти давлатӣ фаро мерасад, ки дар натиҷа худидоракунӣ, худташаббускории шахс ба сифати принсипи асосии фарҳанги аврупоӣ баромад менамояд. Ҳамин тариқ, дар Ғарб ниҳодҳо, равандҳо ва воситаҳои маҳдуд намудани фаъолияти давлат ташаккул ёфта, маданияти хоси сиёсӣ ба вуҷуд омад, ки иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъмин менамуд. Дар Аврупо мардум бахри бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахри таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои хеш муборизаҳои шадид ва беамон бурдаанд. Онҳо ҳокимияти мутлақро сарнагун намуда, ҳокимиятеро бунёд намудаанд, ки ҳуқуқ ва озодиҳо, манфиат ва талаботи онҳоро ҳифз менамояд. Аз замони ташаккулёбии андешаҳои либералӣ дар Ғарб бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мақсади ниҳоии аксарияти мардум ба ҳисоб мерафт.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаҳми муосири он падидаи нав маҳсуб меёбад, зеро ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба замони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Ниҳодҳои он ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои мухталифи ғайриҳукуматӣ, воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ассотсиатсияҳои касбӣ, фондҳои хайриявӣ ва ғайруҳу дар таҷрибаи таърихи сиёсии кишвар вуҷуд надоштанд. Танҳо дар охири асри XX дар Тоҷикистон муносибатҳо ва ниҳодҳое пайдо гаштанд, ки берун аз фаъолияти давлат амал менамуданд. То ин давра, танҳо ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳалла, масҷид, ҳашар, гаштак ва ғайруҳу арзи ҳастӣ намуда буданду халос. Албатта то замони соҳибистиқлолӣ мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ” барои аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон мафҳуми ношинос буд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар давраи Шӯравӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ чунин ниҳодҳо, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба фаъолият доштанд, вале ниҳодҳои мазкур дар замони Шӯравӣ хосияти ғайридавлатӣ надоштанд. Аз ин рӯ, дар давраи Шӯравӣ шароит барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд надошт. Танҳо дар натиҷаи таҳаввулоти сиёсии давлати

Шӯравӣ, бекор гардидани моддаи 6-уми Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ, тағйирёбии мақом ва мавқеи Ҳизби коммунистӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ заминаи мусоид баҳри ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон фароҳам омад. Бинобар набудани таҷрибаи кофӣ дар роҳи бунёди давлати демократӣ Тоҷикистон бо мушкилиҳои муайяне рӯ ба рӯ гардид. Дар саҳнаи сиёсӣ чунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори оммаи мустақил арзи ҳастӣ намуданд. Бинобар надоштани таҷрибаи иштирок дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ аксарияти онҳо ба иштибоҳ роҳ доданд. Масалан, ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар солҳои тозаистиқлолӣ ташаккул ёфта буданд, вазифаи худро дуруст дарк накарда, ба сиёсат дахолат менамуданд ва то андозае барои ҳокимият мубориза мебурданд, яъне вазифаи ҳизбҳои сиёсиро иҷро мекарданд. Бинобар маҳдуд будани ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ дар давлати Шӯравӣ шаҳрвандон низ дарки дурусти ҳаёти сиёсиро надоштанд. Ин ва дигар омилҳо сабаб шуданд, ки ҷомеа ба бӯҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дучор гардад. Чунин вазъият ҳам ба раванди демократисозии ҷомеа ва ҳам ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши манфӣ бозида, рушду инкишофи Тоҷикистонро ба даҳсолаҳо қафо андохт. Зикр намудан зарур аст, ки раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мураккаб ва гуногунпаҳлӯ буда, ташаккул ва инкишофи он дар муддати кӯтоҳ ғайриимкон аст. Зеро танҳо мақсадгузорӣ дар ин роҳ кофӣ нест ва он мусоидат ва заминагузории давлат ва фаъолии шаҳрвандонро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза унсурҳо ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон на он қадар пуқувватанд. Онҳо дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор доранд ва табиист, ки ба бисёр душвориҳо ва ноҳамвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Сабаби дар чунин ҳолат қарор доштани рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таҷрибаи нокифояи демократӣ дар Тоҷикистон бармеояд. Ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандиро дар ҳеҷ ҳолат наметавон дар муддати кӯтоҳе бунёд сохт. Он заҳмату кӯшиш ва вақти зиёдеро талаб дорад. Бо гузашти айём тадриҷан арзишҳо ва унсурҳои ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ рушд меёбад.

Дар давлатҳои мутамаддини олам, ки дар онҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи баланд рушду нумӯъ ёфтааст, низ чунин ҳолат ҷой дошт. Онҳо барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандии комил солҳои зиёде кӯшиш ба харҷ додаанд. Масалан, дар Амрико қисмати муҳимми арзишҳои сиёсӣ, маънавӣ, маданӣ ва иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандии муосир ҳанӯз дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX ташаккул ёфта буданд.

Масъалаи дигари монеъшаванда дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ин омили равонӣ мебошад. Дар ташаккул ва инкишофи арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ омили равонӣ нақши муҳим дорад. Ба андешаи мо, аксарияти қишри бузургсол дар Тоҷикистон, ки дар давраи Шӯравӣ иҷтимоишавии сиёсиро аз сар гузаронидаанд, наметавонанд ба осонӣ арзишҳои демократиро аз худ намоянд. Дар давраи Шӯравӣ Ҳизби коммунистӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро зери назорати худ нигоҳ медошт ва дар ҷомеа барои ташаккули ниҳодҳои ғайридавлатӣ шароит фароҳам набуд. Дар замони Шуравӣ мақсадҳои идеологӣ вазифаҳоро муайян менамуданд ва он нақшаҳое, ки аз ҷониби давлат пешниҳод карда мешуд, ҷомеа бе чуну чаро иҷро мекард. Лекин дар шароити муосир вазъият дигаргун гардидааст. То андозаи муайян шароити ҳуқуқӣ барои ташаббусҳои шаҳрвандӣ фароҳам шудаанд. Ҷомеаи шаҳрвандии ташаккулёфта мардумро ба он водор месозад, ки дар ҳалли масъалаҳои хеш ва мушкилоти ҷамъиятӣ ба иттиҳодияҳо ва созмонҳои ихтиёран таъсисдодаи худ такя менамоянд. Аммо дар шароити Тоҷикистон чунин ба назар мерасад, ки шаҳрвандони кишвар ҳоло аз арзишҳои давраи Шӯравӣ ба пуррагӣ раҳо нашудаанд ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ миёни онҳо на он қадар устуворанд. Чунин ҳолат хоси ҷомеаҳои давраи гузариш мебошад. Ҳодисаҳои солҳои 90-ум низ ба шуури сиёсии мардуми мо таъсири манфӣ расонидааст, ки дар натиҷа то андозае нобоварӣ ва беэътиноии онҳоро нисбати арзишҳои демократӣ ба миён овардааст. Дар Тоҷикистон аз оғози давраи демократисозӣ омилҳое ҷой доштанд, ки ба шуури мардум таъсири манфӣ расонида, нобоварӣ ва беэътиноии онҳоро нисбати арзишҳои демократӣ тақвият бахшиданд. Масалан, яке аз ин омилҳо фаъолияти носанҷида ва популистии гурӯҳҳои

демократихоҳ буд, ки собиқаи муборизаи осоиштаи сиёсӣ надоштанд ва аз таҷрибаҳои тағйироти таҳаввулотӣ чандон хабардор набуданд. Онҳое, ки демократияро сарфаҳм намерафтанд ва дарк наменамуданд сабабгори аз арзишҳои демократӣ руй гардонидани одамон гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи шаҳрвандони масъулиятшинос ва ташаббускор буда, онҳо баҳри қонеъ намудани талаботи худ дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ фаъолона иштирок менамоянд. Онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи хеш ташаббус нишон дода, бо ин роҳ дар пешрафти маҳал, шаҳр ва дар маҷмӯъ, кишвари худ саҳм мегузоранд. Мутаассифона дар шароити Тоҷикистон чунин ба назар мерасад, ки аксарияти шаҳрвандон дар ҳалли муаммоҳои ҷамъиятӣ чандон мароқ зоҳир намекунанд. Ҳатто ҷиҳати ҳалли масъалаи ҷойдошта дар маҳалли зисти худ кӯшиш ва ташаббуси нокофӣ нишон медиҳанд, ки аз фаъолнокии пасти шаҳрвандии онҳо дарак медиҳад. Ғолибан мардуми кишвар иҷрои вазифаҳо ва масъулиятҳои бузургро хоси давлат медонанд. Мардум чунин андеша меронанд, ки қувваи фаъол дар ҷомеа танҳо давлат аст. Аз ин хотир инсонҳо ҳавзаи фаъолияти сиёсию иҷтимоиро хоси давлат дониста, аз иштирок дар ҳаёти сиесию иҷтимоӣ худдорӣ мекунанд. Чунин бефаъолиятии одамон то як андоза натиҷаи даврони шӯравӣ буда, аксарияти шаҳрвандон  ба ҳаёти сиёсӣ низ чандон мароқ зоҳир намекунанд. Ширкати онҳо танҳо бо иштирок дар маъракаи интихоботӣ маҳдуд мегардад, ки ин камбудиҳо метавонанд дар роҳи ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди он дар Тоҷикистон монеа эҷод намоянд.

Бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ташаккули шахсияти навро тақозо дорад, ки аз ҳуқуқ ва озодиҳои хеш бархурдор бошад, ӯҳдадориҳои шаҳрвандияшро ба пуррагӣ риоя намояд, дорои маданияти баланди шаҳрвандӣ, шуури сиёсии созанда ва мавқеи  муайяни сиёсӣ гардад. Ӯ худро барои имрӯзу ояндаи оила, ҷамъият ва давлат масъул шиносад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд баҳри ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ шароити мусоид фароҳам меояд. Давлати ҳуқуқбунёд давлате мебошад, ки қонун ҳамчун меъёри тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳур намуда, дар он волоияти қонун ҳукмфармост ва он заминаи сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Маҳз дар давлати ҳуқукбунёд риояи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ба назар мерасад, ки он дар навбати худ яке аз принсипҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳад. Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Ба ақидаи мо яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон риоя нагардидани қонунҳои ҷорӣ аст. Мутаассифона дар ҷомеаи мо ҳолатҳои риоя нагардидани меъёрҳои ҳатмии рафтор ба назар мерасанд. Қонун аз тарафи шаҳрвандон ҳамчун арзиш дарк нагардидааст. Дар ин бора Ш. Шоисматуллоев чунин зикр менамояд, ки "миёни шуури рӯзмарра, консепсияҳои ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбиние, ки ба ҷомеаи шаҳрвандӣ хос аст, номувофиқатӣ ба назар мерасад" [5, с. 22]. То он даме, ки дар ҷомеаи мо волоияти қонун, баробарии ҳама дар назди қонун новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, ҷинс, нажод, риояи воқеии меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳам аз ҷониби шаҳрвандон ва ҳам аз ҷониби мансабдорони давлатӣ таъмин нагардад, кӯшишҳо баҳри бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳудаанд.

Дар шароити Тоҷикистони имрӯза чунин ба назар мерасад, ки  мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" барои аксарияти аҳолӣ чандон шинос нест. Дар ин хусус сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки «мафњуми љомеаи шањрвандӣ, мутаассифона, дар зењну шуури оммаи мардуми љумњурии мо то ба њоло ба ќадри бояду шояд маълуму маъмул нагаштааст» [3]. Мардум моҳияти ҷомеаи шаҳрвандиро ба пуррагӣ сарфаҳм намераванд ва дар ҷумҳурӣ пояҳои назариявии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври зарурӣ коркард нашудааст. Вазъияти мазкур намегузорад, ки шаҳрвандон ба арзишҳо ва фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сарфаҳм раванд ва онҳоро ба манфиати худ истифода намоянд. Инчунин, худи таъсисдиҳандагони ташкилотҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ низ нақши худро дар низоми муносибатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дуруст дарк накардаанд.

Паҳлӯи дигари омили равонӣ дар Тоҷикистон ин психологияи тамомиятхоҳии давлат аст. Дар Тоҷикистон низоми сиёсӣ бисёр унсурҳои давлати мутлақгароро ҳифз мекунад. Давлат дар бисёр соҳаҳо ҳузури худро зарур мешуморад, ки ин нишони ба таври кофӣ инкишоф наёфтани ҷомеаи шаҳрвандиро мефаҳмонад. Мутахассисони соҳа зикр менамоянд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ", ки 12 майи соли 2007 № 258 қабул гардидааст, ба давлат салоҳиятҳои васеъро дар танзими фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ намудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ монеа эҷод менамояд, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар аст. Заминаи иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандиро ҳимояи моликияти хусусӣ, иқтисодиёти бисёрзинагӣ, бозор ва рақобати озод ташкил медиҳад. Маҳз муносибатҳои бозоргонӣ дар зинаи муайяни инкишофи худ барои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун иттиҳодияи шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисодӣ озод ва мустақил, иттифоқи шахсиятҳои баробарҳуқуқ ва дорандаи моликияти хусусӣ, ки барои таъмини шароити арзандаи зиндагонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад, фаҳмида мешавад. Инчунин иқтисоди бозоргонӣ бо баробари таъмини озодии иқтисодӣ озодии сиёсиро низ таъмин менамояд.

Муаммоҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар шароити Тоҷикистон имкон намедиҳанд, ки шаҳрвандон ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ аҳамият диҳанд. Мардуми кишвар, хусусан, қишри ҷавони мамлакат асосан аз дунболи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии худ равонанд. Таъмин набудани шаҳрвандони қобили меҳнат бо кор, номувофиқатии даромад ва хароҷоти аҳолӣ, дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтани синфи миёна, мавҷудияти камбизоатӣ аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи мо мебошад. Дар шароити кунунӣ нобаробарии рушди иқтисодии давлат бо афзоиши демографии аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи мо гардидааст, ки дар натиҷа қисми муайяни аҳолӣ бекор ва камбизоат гардида, барои дарёфти "қуттии лоямут" шаҳрвандон маҷбуранд роҳи муҳоҷиратро пеш бигиранд.

Заминаи муҳимми рушди ҷомеаи шаҳрвандиро таҳкими синфи миёна дар ҷомеа ва нақши боризи он дар равандҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Сатҳи инкишофи синфи миёна ба ташаккулёбӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири бевосита мерасонад. Синфи миёна ба истеҳсолот ва интишори дониш, ахбор, маданият алоқаманд аст, ки он асоси пешрафти ҷомеаро ташкил медиҳад. Синфи миёна дорои тахассуси олӣ, дараҷаи баланди касбӣ, қобилияти эҷодӣ мебошад, ки ин хусусиятҳо пешрафти илмию техникӣ, иқтисодӣ ва маънавиро таъмин менамоянд. Синфи миёна қишри фаъоли ҷомеа буда, тафриқабандии ҷомеаро барҳам медиҳад. Дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани синфи миёна яке аз мамониатҳои роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Дар давлатҳои рушдкардаи Аврупо ва Амрико синфи миёна 60-70%-и аҳолиро ташкил медиҳанд, ки ин нишонаи дараҷаи баланди сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Синфи миёна на танҳо кафили рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки таъминкунандаи устувории сиёсии давлат аст. Дар рафтори худ синфи миёна назар ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва дигар зухуроте, ки устувории ҷомеаро халалдор месозанд, ҷонибдори раванди сиёсии бомаром ва мавзун мебошад. Бинобар ин, синфи миёна устувории сиёсӣ ва иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамояд ва кафили ваҳдату оромии ҷомеа аст.

Дар шароити Тоҷикистон таъминоти молиявии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ яке аз масъалаи муҳимми ташаккули он ба ҳисоб меравад. Зеро чӣ қадаре, ки вазъи молиявии ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳтар бошад, ҳамон қадар фаъолияти онҳо босамар ва ҳадафҳои оинномавии онҳо амалӣ мегардад. Бинобар ин, масъалаи таъминоти молиявии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи мо боқӣ мондааст.

Яке аз мушкилоте, ки бештар дар фаъолияти хеш ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дучор мешаванд, масъалаи таъминоти молиявии онҳо мебошад. Сарчашмаи даромади ниҳодҳои

ҷомеаи шаҳрвандӣ узвулҳаққият, пардохтҳои ихтиёрӣ ва хайрияҳо, грантҳо, даромад аз нашри ВАО, намоишгоҳҳо, лотереяҳо ва ғайруҳу мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки дар давлатҳои мутараққӣ соҳибкорон метавонанд то 30% даромади худро ба мақсадҳои хайриявӣ сарф намоянд. Лекин, ин нуқтаро бояд зикр намоем, ки дар Тоҷикистон дар байни шахсони сарватманд одати хайрия намудан ва эҳсонкорӣ то ба сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Инчунин, сиёсати андоз дар кишвар ташкилотҳои ғайриҳукуматиро дар интихоби фаъолияти тиҷоратӣ, ки яке аз воситаи мустаҳкамшавии молиявист, маҳдуд менамояд.

Зикр намудан зарур аст, ки сарчашмаи асосии маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон маблағҳои ташкилотҳо ва фондҳои хориҷӣ мебошад. Онҳо лоиҳаҳои гуногуни созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро баҳри рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳалли мушкилоти мухталиф дар бахши хусусӣ маблағгузорӣ менамоянд. Дар Тоҷикистон лоиҳаҳои гуногун бо дастгирии молиявии ташкилотҳо ва фондҳои хориҷӣ Ҳайати Шафқат (Корпус милосердия), Салиби Сурх, Барномаи тараққиёти СММ, ТАСИФ, Фонди Сорос, Фонди Оғохон ва ғайра амалӣ гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки он маблағҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳо ва фондҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд, самаранок истифода намегарданд. Ҳангоми ба итмом расидани маблағ онҳо ба ҷустуҷӯи сарчашмаи дигари даромади молиявӣ мешавад, ки чунин вазъият ба вобастагии созмонҳои ғайриҳукуматӣ аз донорҳои хориҷӣ оварда мерасонад. Аз ин ру зарур аст, ки роҳҳои алтернативии дарёфти маблағҳо барои фаъолияти самараноки ташкилотҳои шаҳрвандӣ дарёфт намуда шавад. Муҳаққиқон Муродова Г. ва Яқубов Ф. зикр менамоянд, ки “машғул будани созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо фаъолияти хизматӣ, соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ имконияти тобеъгардии онҳоро аз донорҳои хориҷа бамаротиб маҳдуд менамояд”[6, с. 52].

Инчунин дар фаъолияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифодаи бесамари маблағҳо ва азхудкунии онҳо ба назар мерасанд, ки дар натиҷа амалишавии лоиҳа бо сифати паст анҷом меёбад. Чунин вазъият метавонад омили манфӣ дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардад. Муҳаққиқ Ш. Каримов зикр менамояд, ки “аксари бисёри ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ барномаҳои мушаххаси мақсадноки фаъолият надоранд, бинобар ин онҳо аксар вақт ҳамчун имдодталаби маблағҳо аз давлат ва бахши хусусӣ фаҳмида мешаванд” [1].

Ҳамин тариқ, муаммоҳо ва монеаҳое, ки дар роҳи рушду инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон мавҷуданд, набояд ҳамкории муназзами давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро халалдор созанд. Ба андешаи мо, ҳамкории судманди мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ самаранокии идораи давлатӣ ва устувории иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро таъмин менамояд. Аз ин ру вобаста ба мушкилиҳо, муаммоҳо ва монеаҳои ҷойдошта дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон иҷрои чунин тадбирҳоро муҳим мешуморем:

- такмили қонунгузорӣ ва таъмини риояи воқеии он, ташаккул додани арзиши қонунмеҳварӣ ва риояи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ба роҳ мондани сиёсати самараноки иқтисодӣ ва таъмини шароити мусоид ба рушди соҳибкории хурду миёна, бо роҳи сабук намудани андоз, ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок;
- маҳдуд намудани фаъолияи ва муносибатҳои бюрократӣ дар тамоми сатҳҳои идоракунии ҷомеа;
- ба воситаи ахбори омма шинос намудани натиҷаҳои фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, байни ҷомеа тарғиб намудани арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- тарбия намудани шаҳрвандон дар руҳияи масъулиятшиносӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, поквиҷдонӣ, инсондӯстӣ ташаккул додани маърифати шаҳрвандӣ.

### *ПАЙНАВИШТ:*

1. *Каримов Ш. Роль неправительственных организаций в формировании гражданского общества в Таджикистане: политологический анализ: диссертация на соискание ученой степени доктора политических наук: 23.00.02 / Каримов Шамсиддин. – Душанбе, 2015. – 292 с. – Матн: бевосита.*
2. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – Матн: бевосита.*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 04.04.2003, шаҳри Душанбе. URL: http://www.prezident.tj/node/6637. – Матн: электронӣ. Санаи муроҷиат: 12.11.2021.*
4. *Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27.01.2017, шаҳри Душанбе. URL: http://www.mmk.tj. – Матн: электронӣ.*
5. *Шоисматуллоев Ш. Состояние и проблемы формирования гражданского общества в Таджикистане // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ. – Душанбе, 2018. – С. 20-28.*
6. *Муродова Г. Хусусиятҳои асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г. Муродова, Ф. Якубов. – Матн: бевосита. – Душанбе, 2016. – 80 с.*

### *Reference Literature:*

1. ***Karimov Sh**. The Role of non-Governmental Organizations in the Formation of Civil Society in Tajikistan: political Analysis: Doctoral dissertation in Political Science: 23.00.02 / Karimov Shamsiddin. - Dushanbe, 2015. - 292 p. - Text: direct.*
2. *The Constitution of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 2016. - Text: directly.*
3. *Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the **Majlisi Oli** of the Country. 04.04.2003, Dushanbe. URL: http://www.prezident.tj/node/6637. - Text: electronic. Date of access: 12.11.2021.*
4. *Speech by the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Reverend Emomali Rahmon at the Meeting of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. 27.01.2017, Dushanbe city. URL: http://www.mmk.tj. - Text: electronic.*
5. ***Shoismatulloev Sh**. The State and Problems of the Formation of Civil Society in Tajikistan // The Role of Political Institutions in the Formation of Civil Society. - Dushanbe, 2018. - pp. 20-28.*
6. ***Murodova G.** The Main Features of the Formation of Civil Society in the Republic of Tajikistan / **G. Murodova, F. Yakubov**. - Text: directly. - Dushanbe, 2016. - 80 p.*